# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Калимасозӣ воситаи асосии такмили таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад. Маҳз, аз ҳамин роҳ таркиби луғавии забон инкишоф меёбад. Мардум дар тули асрҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолибҳои гуногун калимаҳои зиёде меофарад, зеро дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ ва, умуман, пешравии ҷомеа забон низ ҳамзамон рушду мукаммал мегардад. Беҳуда нест, ки забонро ҳамсафари доимии ҷомеа ном мебаранд. Пас, зарурате пеш омад, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳо баъвуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усули калимасозӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Ин талабот ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу иборасозии забон асосу омили муҳимме ба ҳисоб меравад.

Воқеан, таҳқиқи забоншиносии асаре метавонад дар муайян намудани манзараи инкишофи забон дар марҳилаи муайяни таърихӣ нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтори калимасозӣ такя ба «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ аз аҳаммияти волои илмӣ бархӯрдор буда, саривақтӣ ва айни муддао ба шумор меравад.

**Диссертатсия аз номгӯйи** ихтисораҳо, муқаддима, ду боб (шомили 7 фасл бо зерфаслҳо), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Диссертатсия дар 170 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст.

**Дар муқаддима доир** ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологӣ, сарчашмаҳо, навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, шомили се фаслу ҳабдаҳ зерфасл аст. Дар ин боб перомуни масоили таҳқиқи роҳи морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ, нақши калимаҳои арабӣ дар такмили роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозӣ, исмҳои мураккаби пайваст ва исмҳои мураккаби тобеъ баррасиҳо анҷом дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** номгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур муҳаққиқ масоили нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули феълҳои сохтаи номӣ, хусусиятҳои назариявии феълҳои таркибӣ ва нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии номиро ба риштаи таҳқиқ кашида, зикр намудааст, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ на фақат дар ташаккули ҳиссаҳои номии забони тоҷикӣ, балки дар феълсозӣ ҳам заминаи муҳим ба шумор мераванд. Феълҳое, ки бо иштироки калимаҳои иқтибосии арабӣ сурат мегиранд, аз нигоҳи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) феълҳои сохта ё номӣ; 2) феълҳои таркибӣ.

Инчунин, муҳаққиқ дар рисола феълҳои сохта ё номӣ ва феълҳои таркибиро бо мисолҳо ба таври мушаххас таснифу таҳлил намудааст.

Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи муфассалу амиқи диссертатсия ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки баррасии нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)-ро аз нигоҳи интишор ва доираи истеъмол қотеона нишон дода, барои таҳқиқи минбаъдаи осори устод Айнӣ, ба вижа таҳқиқи калимаҳои иқтибосӣ тавсияҳо диҳад. Диссертатсия дар маҷмуъ, ба муҳаққиқон таассуроти хуб мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафи диссертатсия қарор гирифтаанд, пурра муяссар гардидааст. Дар диссертатсия бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик баррасии нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) ба сурати яклухт ва системанок мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди ин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Ҳангоме ки сухан дар бораи воҳидҳои лексикии ин ё он забон меравад, албатта пеши назар иқтибосшавии калимаҳои ғайр падидор мегардад, аммо, агар дар унвони рисола калимаи "иқтибос" ҷойгир

мешуд, аз манфиат холӣ набуд. Чунки дар дохили диссертатсия вожаи "иктибос" хеле бисёр истифода шудааст.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (саҳ.11, 17).

Камбудиҳои мавҷуда ислохшаванда буда, арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Муаллиф аз анбуҳи афкори мухталиф ҷавҳареро кашида, тавонистааст, ки баррасии нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)-ро ба таври илмӣ исбот намояд.

Аз ин рӯ, бо итминон изҳор менамоям, ки автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевичро дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба пуррагӣ инъикос намуда, диссертатсия таҳқиқоти мукаммали бaанҷомрасида ҳисобида шуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи идоракунии захираҳои
инсонии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуралӣ Сангалиевич

Имзои дотсент Н.С. Саидовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси АИДНПҶТ Ғаюров Фаромуз Зоирхонович

«3»-юми июни соли 2024

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: +(992) 988-88-25-66
E-mail: nurali.saidov.86@inbox.ru